**“ТАСДИҚ КАРДА ШУД”**
Бо Қарори Раёсати Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «10 » июни соли 2016

# Низомнома

**оид ба Маркази такмили ихтисосӣ адвокатҳо дар назди Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## 1. Қисми умумӣ

1.1. Маркази такмили ихтисоси адвокатҳо дар назди Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар оянда Марказ) воҳиди сохтории Иттифоқ буда, бахри баланд бардоштани савияи дониш, маълумотнокӣ ва малакаи касбии адвокатҳо, ёрдамчӣ ва коромӯзи онҳо вобаста ба соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ, бо назардошти тағйироту иловаҳо ба қонунгузории амалкунанда ва таҷрибаҳои судӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст.

1.2. Такмили ихтисос дар Марказ, дар асоси:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ»;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият»;
- Кодекси одоби касбии адвокат;
- Оинномаи Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Низомномаи мазкур, ба амал бароварда мешавад.

1.3. Ташкил, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии Марказ бо қарори Раёсати Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад.

1.4. Марказро Директор роҳбарӣ менамояд, ки он бо қарори Раёсати Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин ва аз вазифа озод карда мешавад. Директори Марказ бевосита ба Раёсати Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъ мебошад.

1.5. Методикаи ягонаи гузаштани курси такмили ихтисос ва омӯзонидани коромӯз-адвокат ва ёрдамчии адвокатро Раёсати Иттифоқи адвокатҳо тасдиқ менамояд.

## 2. Ӯҳдадории вазифавии директори Марказ

2.1. Дар доираи курсҳои такмили ихтисос гузаронидани ҳама намуд омӯзишҳои тахассусиро ташкил намояд.

2.2. Дар доираи тартиби муайянкардашуда лоиҳаи нақшаи таҳсил, барномаи курсҳои такмили ихтисос ва ҷадвали гузаронидани онҳоро тартиб дода онро барои тасдиқ ба Раёсати Иттифоқи адвокатҳо пешниҳод менамояд.

2.3. Тақсимоти сарбории омӯзгорӣ ва ӯҳдадории функсионалиро байни кормандону омӯзгорони Марказ ба роҳ монда, иҷроиши саривақтии онро назорат менамояд.

2.4. Интихоб намудани таҷҳизотҳои техникии замонавиро ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои омӯзишӣ ба роҳ монда, истифода бурдани онро таъмин менамояд.

2.5. Тайёр намудани аёниятҳои илмӣ-методӣ, тавсияҳо, маводҳои аудио-видеоӣ ва ғайраро ташкил менамояд.

2.6. Таҷрибаи кори омӯзгорони Марказро омӯхта онро ҷамъбаст ва паҳн менамояд.

2.7. Ба Раёсати Иттифоқи адвокатҳо оиди масъалаҳои ба кор қабул намудан, аз кор хориҷ намудан ва ҷойивазкунии кормандон ва омӯзгорони Марказ пешниҳодот ирсол менамояд.

2.8. Ба Раиси Иттифоқи авдкоатҳо оиди мукофотонидани кормандони сазовор ва омӯзгорон, инчунин оиди татбиқ намудани чораҳои муҷозоти интизомӣ ба вайронкунандагони интизоми меҳнат ва таҳсил пешниҳодот ирсол менамояд.

2.9. Тартиб додан, ҳисоб бурдан ва нигоҳ доштани ҳуҷҷатгузории Марказро таъмин менамояд.

2.10. Ҳамасола оиди фаъолияти худ дар назди Раёсати Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот медиҳад.

2.11. Бо муассисаҳо, идораҳои таълимӣ ва дигар ташкилотҳо бо мақсади ҳамкории таълимӣ-методӣ ҳамкориро ба роҳ менамояд.

2.12. Нигоҳдории таҷҳизот, амвол, инчунин воситаҳои таълимӣ-методӣ ва биноро, ки ба Марказ вобаста карда шудаанд, таъмин менамояд.

2.13. Дар фаъолияти худ барои ба роҳ мондани муносибати касбии инсондӯстона ва боодобона дар байни кормандон ва таҳсилкунандагон, мусоидат менамояд.

## 3. Маблағгузорӣ ва пардохти музди меҳнат

3.1. Маблағгузории чорабиниҳо аз ҳисоби маблағҳои Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сарчашмаҳо, ки бо қонунгузорӣ манъ карда нашудааст, ба роҳ монда мешавад.

3.2. Пардохти музди меҳнатӣ омӯзгорони ҷалбкардашуда, дар асоси меъёри соатбайъ барои вақти воқеъии коркардашуда, инчунин хароҷоти роҳ ва сафари хизматӣ, аз он ҷумла хароҷоти ҷои зист ба амал бароварда мешавад.

## 4. Ташкил намудани ҷараёни таълим

4.1. Дар марказ хуҷҷатгузории таълимӣ-методӣ ва ғайра пеш бурда мешавад, ки рӯйхати он аз ҷониби Раёсати Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳарсол муайян ва тасдиқ карда мешавад.

4.2. Ҷараёни таълим дар Марказ аз ҷониби мутахасисони баландихтисоси муассисаҳои олии таълимӣ, адвокатҳои таҷрибадор, судяҳо, мутахасисони мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ мутобиқи накшаи барои соли хониш тартиб дода, ки корҳои таълимӣ-методӣ, тарбиявӣ ва ғайраро дар бар мегирад ба амал бароварда мешавад.

4.3. Ҷараёни таълими Марказ мувофиқи нақшаи таълимӣ ва барномаи аз ҷониби Раёсати Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муайян тасдиқ кардашуда ба амал бароварда мешавад.

4.4. Дар Марказ ҳисоб ва ҷамъбасти маълумот оиди такмили ихтисоси адвокатҳо, ёрдамчии адвокат ва коромӯз-адвокат бурда мешавад.

4.5. Ҷараёни гузаштани курси такмили ихтисос расман дар табели ҳисоби дарс аз рӯйи соат қайд карда мешавад.

4.6. Баъди бомуваффақият гузаштани силсилаи таълимҳо мутобиқи талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» ба ҳаҷми муайяннамудаи Раёсати Иттифоқи адвокатҳои ҶТ, аз ҷониби Марказ шаҳодатнома дода мешавад.

4.7. Роҳбарии фаъолияти ташкилӣ ва таълимии Марказро Раёсати Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал мебарорад.

4.8. Аз ҷониби Марказ аёниятҳои таълими-методӣ ва пешниҳодҳо, китоб, китобчаҳо, буклетҳо инчунин маводҳои илмии дар намуди аудио-видеоӣ ба табъ расонида мешавад.

## 5. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шунавандагон

5.1. Шунавандагони Марказ ҳуқуқҳои худро истифода мебаранд ва

ӯҳдадориҳои бо Низомномаи мазкур муайяншударо иҷро менамоянд.

5.2. Шунавандагони Марказ ҳамаи талаботҳои нақшаи таълимиро иҷро мекунанд.

5.3. Шунавандагони Марказ, ки талаботи нақшаи таълимиро иҷро накардаанд, дар асоси қарори Раёсати Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд омӯзишро давом диҳанд.

5.4. Шунавандагони Марказ дар қатори тартиби муайяншуда метавонанд мустақилона табели ҳисобӣ гузаштани таълимро, ки ҳамчун такмили ихтисос ба ҳисоб меравад пеш баранд.

## 6. Тартиби қабул ба курсҳои бозомӯзии Маркази такмили ихтисос

6.1. Дар Маркази такмили ихтисос ҳамаи адвокатҳои дар феҳристи адвокатҳои Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дошта, инчунин коромӯзон ва ёрдамчиёни адвокатҳо, ки дар феҳристи Иттифоқи адвокатҳо ба қайд гирифта шудаанд, таҳсил менамоянд.

6.2. Тарзи қабул ба курси такмили ихтисос ва муайян намудани рӯйхати шунавандагон вобаста аз имкониятҳои молиявӣ ва ташкилӣ, инчунин пешниҳод ва дархостҳо аз мақомотҳои минтақавии Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

6.3. Машғулиятҳо дар Марказ аз рӯи барномаи тасдиқнамудаи Раёсати Иттифоқи адвокатҳо гузаронида мешавад.

6.4. Низомномаи мазкур, тағйирот ва иловаҳо ба он аз рӯзи тасдиқи он аз ҷониби Раёсати Иттифоқи адвокатҳо мавриди амал қарор дода мешавад.